ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ. шаҳри Душнабе, 2025, 141 саҳ.

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи Рабиев Ҳ.М. ба омӯзиши яке аз масъалаҳои калидии эпизоотология ва микробиологияи ветеринарӣ – ташхиси тафриқии бемории сил дар чорвои калони шохдор бахшида шудааст. Дар рисола хусусиятҳои биологӣ ва эпизоотологии *Mycobacterium bovis*, моҳияти сенсибилизатсияи парааллергӣ, принсипҳои ташхиси серологӣ, аллергӣ ва молекулавӣ ва робитаи сили ҳайвоноту одамон ба тарзи муфассал мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ин муҳтаво пурра ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ мувофиқ мебошад.

2. Мубрамии мавзӯи таҳқиқот

Бемории сил яке аз хатарноктарин бемориҳои зоонозӣ ба ҳисоб рафта, на танҳо ба соҳаи чорводорӣ ва бехатарии озуқаворӣ, балки ба саломатии аҳолӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Сил, ки аз ҷониби микобактерияҳои дорои қобилияти баланди зиндамонӣ ба вуҷуд меояд, метавонад тавассути роҳҳои гуногун -нафаскашӣ, истеъмоли маҳсулоти ширии коркардношуда, гӯшти сироятёфта ё тамоси наздик бо ҳайвоноти бемор ба одамон гузарад. Ин хусусияти зоонозӣ хавфи сироятёбии гурӯҳҳои осебпазирро, аз ҷумла чорводорон, коргарони корхонаҳои коркарди маҳсулоти ҳайвонот ва аҳолии деҳотро чандин маротиба зиёдтар менамояд.

Дар минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон, махсусан дар минтақаи Кӯлоб, шароити эпизоотӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба паҳншавии сил мусоидат мекунад. Зичии зиёди ҳайвонот, риоя нагардидани меъёрҳои беҳдоштӣ, нокифоя будани назорати ветеринарӣ ва сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ омилҳое мебошанд, ки хавфи интиқоли бемориро аз ҳайвонот ба инсонро тақвият медиҳанд. Дар чунин вазъ, сил метавонад ба мушкилоти ҷиддии тандурустии ҷамъиятӣ табдил ёбад, зеро шаклҳои зоонозии он

аксар вақт дер ташхис мешаванд ва ба табобати дарозмуддат ниёз доранд.

Муаллиф бо истифода аз таҷрибаҳои саҳроӣ ва тадқиқоти озмоишгоҳӣ аҳамияти воқеан баланди зоонозӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ин бемориро нишон додааст. Натиҷаҳои тадқиқот зарурати таҳкими назорати эпизоотӣ, баланд бардоштани сатҳи ташхис, риояи чораҳои бехатарии биологӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ветеринарӣ ва тиббиро равшан месозанд. Ин масъала яке аз масъалаҳои мубрами миллӣ дар самти таъмини амнияти тандурустии ҷамъиятӣ ва низоми тибби ветеринарӣ ба ҳисоб меравад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Тадқиқоти анҷомшуда аз нуқтаи назари илмӣ ва амалии худ дорои навгонии баланд мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал вобастагии ошкор гардидани ҳайвоноти ба туберкулин мутаассиргашта бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон дар хоҷагиҳои инфиродии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба таври илмӣ муайян ва асоснок карда шудааст. Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ташхис, аввалин бор дар ин минтақа ташхиси якҷоя бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ гузаронида шуда, усули такмилёфтаи гузаронидани озмоиши якваҳта бо истифода аз ин ду ташхисвора таҳия ва пешниҳод гардид.

Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада, усули баҳисобгирии фардии аксуламалҳои бодигармӣ дар ҳайвонот ташаккул дода шуд, ки имкон медиҳад ташхис дақиқтар ва бо хатогии камтар гузаронида шавад. Ин усул барои шароити хоҷагиҳои инфиродӣ ва минтақаҳои дорои сатҳи пасти идоракунии ветеринарӣ аҳамияти амалӣ ва инноватсионӣ дорад.

Муҳимтарин навгониии илмии тадқиқот дар он мебошад, ки барои аввалин маротиба алоқамандии паҳншавии бемории сили ҳайвонот ва сили одамон дар минтақаи Кӯлоб омӯхта шудааст. Барои тасдиқи робитаи зоонозии ин беморӣ усулҳои муосири тадқиқоти иловагӣ, аз ҷумла аксуламали занҷираи полимеразӣ истифода шудаанд, ки имкони таъйини манбаи эҳтимолии сироят ва арзёбии хавфи зоонозиро фароҳам меоранд. Ин кор на танҳо навгониро дар тадқиқоти миллӣ инъикос мекунад, балки ба беҳтар шудани фаҳмиши эпидемиологияи сил дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд инҳо мебошанд:

- таҳлили омилҳои таъсиррасон ба пайдоиши вокунишҳои аллергӣ ва парааллергӣ ҳангоми истифодаи намудҳои гуногуни ППД-туберкулин дар чорвои калон, ки ба муайянсозии дақиқ ва кам кардани натиҷаҳои бардурӯғ мусоидат менамояд;
- тадқиқоти муқоисавии сатҳи иттилоотнокии санҷиши ташхисии яквақта бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон, туберкулин барои парандаҳо ва ППД-туберкулин бо ММҒ, ки имконият медиҳад самараноктарин шакли ташхис дар шароити хоҷагиҳои инфиродии минтақа интихоб гардад;
- натиҷаҳои омӯзиши алоқамандии паҳншавии бемории сили ҳайвонот ва сили одамон, ки бо истифодаи усулҳои муосири ташхисӣ тасдиқ шудаанд ва хатарҳои зоонозиро дар минтақа равшан месозанд.

4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсияи зикршуда.

Асоснокии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия бо маҷмӯи далелҳои таҳлилӣ, таҷрибавӣ ва методологӣ пурра таъмин мегардад. Натиҷаҳои бадастомада ба маҷмӯи васеи таҳқиқоти озмоишгоҳӣ, санҷишҳои саҳроӣ, таҷрибаҳои муқоисавӣ ва мониторинги бисёрмарҳилавӣ такя мекунанд, ки ба баланд гардидани сатҳи боэътимодии хулосаҳо мусоидат менамояд.

5. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Диссертатсия дар 141 саҳифаи матни компютерӣ омода гардида, дорои мундариҷаи комилан илмӣ ва тарҳи муназзами методологӣ мебошад. Кор аз 11 ҷадвал, 9 тасвир ва 5 диаграмма иборат аст, ки барои тасвири равшан ва муқоисавии натиҷаҳои тадқиқот мусоидат мекунанд.

Рӯйхати адабиёт 166 манбаъ-ро дар бар мегирад, ки аз онҳо 112 манбаъ ба забони русӣ ва 54 манбаъ ба забонҳои хориҷӣ мебошанд. Ин нишон медиҳад, ки тадқиқот ба доираи васеи адабиёти илмӣ такя карда, бо дастовардҳои муосири илмӣ ҳамоҳанг гардонида шудааст.

Сохтори диссертатсия аз қисматҳои зерӣн иборат мебошад: муқаддима ва асосноккунии мавзӯъ; баррасии муфассали адабиёти илмӣ; тавсифи мавод, объект ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ; пешниҳоди натиҷаҳо ва муҳокимаи илмӣ; хулосаҳои умумӣ; тавсияҳои амалӣ, ки барои мутахассисони ветеринарӣ ва муассисаҳои соҳавӣ арзиши амалӣ доранд; рӯйхати адабиёт ва замимаҳо.

Дар замимаҳо мавод ва ҳуҷҷатҳое ҷой дода шудаанд, ки аҳаммияти илмӣ ва татбиқии диссертатсияро пурра тасдиқ мекунанд.

Дар боби 1 – *шарҳи адабиёт* табиати ангезандаи бемории сил, усулҳои ташхиси аллергӣ (ППД, ММҒ), коркарди вояи туберкулин, ташхиси молекулавӣ (PCR), механизми аксуламалҳои парааллергӣ ва усулҳои тафриқасозии онҳо, ҷои воридсозии туберкулин ва таъсири он ба эътимоднокии ташхис хеле амиқ таҳлил шудаанд. Хулосаи боби адабиёт нишон медиҳад, ки муаллиф огоҳии амиқ аз таҳқиқоти муосир ва классикии соҳаро дорост.

Дар боби 2 – *мавод ва усулҳои тадқиқот*, аз ҷумла методикаи тадқиқотӣ, ҳамаҷониба таҳлил гардида, масъалаҳои санҷишҳои ППД бо вояҳои гуногун (5000 ва 10000 ВБ), санҷиши симултанӣ, таҳқиқоти эпизоотологӣ дар хоҷагиҳои мусоид ва номусоид, истифодаи усули АЗП барои тасдиқи натиҷаҳо ва таҳлилҳои оморӣ баррасӣ шудаанд. Ин боб аз нигоҳи методологияи илмӣ комилан дуруст ва боэътимод таҳия гардидааст.

Дар боби 3 – дар мавриди натиҷаҳои тадқиқоти хусусӣ муаллиф маълумоти заруриро оид ба ҳолати воқеии паҳншавии сил дар минтақаҳои деҳот, омилҳои асосии сироятёбӣ ва аҳамияти иҷтимоии бемории сил барои аҳолӣ бо далелҳои мӯътамад пешниҳод намудааст. Таҳлили омилҳо ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дорои аҳамияти баланди амалии ветеринарӣ ва тиббӣ мебошанд.

Дар боби 4 – омӯзиши вояҳои ППД-туберкулин амалӣ гардида, ин боб яке аз қисматҳои навоваронаи рисола ба ҳисоб меравад. Дар тадқиқот таъсири вояҳои 5000 ва 10000 ВБ, сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои ғайрисилии гурӯҳи IV, санҷиши симултанӣ бо ППД барои ширхӯрон, парандагон ва ММҒ, инчунин муқоисаи эътимоднокии аллергенҳои гуногун дар минтақаҳои аз нигоҳи эпизоотӣ фарқкунанда ба таври муфассал таҳқиқ шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи вояи 10000 ВБ дар минтақаҳои мусоид метавонад аксуламалҳои бардурӯғ ба вуҷуд орад, ҳамзамон сенсибилизатсия бо микобактерияҳои ғайрисилӣ дар баъзе минтақаҳо эҳтимоли хатоҳои ташхисиро зиёд мегардонад.

Дар боби 5 – оид ба усули фаврии санҷиши симултанӣ, муаллиф усули такмилёфтаи санҷиши фаврии симултаниро пешниҳод мекунад, ки аз ҷиҳати амалии ветеринарӣ дорои аҳамияти калон аст. Мавзуъҳои асосии ин боб динамикаи пайдоиши аксуламалҳои туберкулинӣ дар тӯли 6–72 соат, муқоисаи ППД ва ММҒ, муайян кардани алоқамандии сили одамон ва ҳайвонот дар минтақаҳои таҳқиқшуда ва тасдиқи натиҷаҳои ташхис бо усули АЗП-ро дар бар мегиранд. Барои бори аввал дар

шароити Тоҷикистон робитаи зоонозии ин беморӣ бо усулҳои муосир ба таври дақиқ омӯхта шудааст.

6. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти баланди илмӣ мебошанд, зеро онҳо ба такмили низоми ташхиси тафриқии бемории сил дар шароити Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Дар тадқиқот робитаи зоонозии сил бо истифода аз усулҳои муосири ташхисӣ, аз ҷумла АЗП ва санҷишҳои аллергии такмилёфта, амиқ таҳлил шудааст. Таҳияи усули такмилёфтаи санҷиши яквақта бо ППД-туберкулин ва ММҒ, таҳлили омилҳои парааллергӣ, муайянсозии таъсири сенсибилизатсияи микобактерияҳои ғайрисилӣ ва арзёбии фардии аксуламалҳои бодигармӣ ба рушди илмҳои ветеринарӣ, эпизоотология ва иммунология мусоидат менамояд. Ин натиҷаҳо метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи стандартҳои миллии ташхиси сил ва такмили дастурамалҳои амалии соҳаи ветеринарӣ истифода шаванд.

Аз ҷиҳати амалӣ, тадқиқот имкони баланд бардоштани дақиқӣ ва боэътимодии ташхиси саҳроии силро фароҳам меорад. Тавсияҳои методии таҳиягардида барои хоҷагиҳои инфиродӣ ва хоҷагиҳои калон ҳангоми интихоби вояи мувофиқи ППД-туберкулин, истифодаи санҷиши симултанӣ, кам кардани натиҷаҳои бардурӯғ ва пешгирии хатоҳои эпизоотологӣ аҳамияти калон доранд. Истифодаи усулҳои пешниҳодшуда дар марказҳои ташхиси ветеринарӣ, хизматрасониҳои давлатии байторӣ ва хоҷагиҳои хусусӣ барои баланд бардоштани сатҳи назорати эпизоотӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Тадқиқот аз нигоҳи иқтисодӣ низ дорои аҳамияти назаррас мебошад. Бо истифодаи усулҳои такмилёфтаи ташхис, ки хатои ташхисиро коҳиш медиҳанд, талафоти ҳайвонот ба таври назаррас паст мегардад. Ин боиси афзоиши маҳсулнокӣ, аз ҷумла баланд шудани истеҳсоли шир ва беҳтар гардидани вазъи иқтисодии хоҷагиҳо мегардад. Кам гардидани харочот барои табобат, нобудсозии ҳайвоноти сироятёфта ва чораҳои эпизоотии такрорӣ барои хоҷагиҳо ва муассисаҳои давлатӣ сарфаи назаррас меорад.

Тадқиқот аз ҷиҳати иҷтимоӣ мақоми муҳим дорад, зеро паст кардани хатари сироят аз ҳайвон ба инсон яке аз ҳадафҳои асосии соҳаи тандурусти ҷамъиятӣ мебошад. Бо беҳтар гардидани ташхис ва назорат, хатари сирояти одамон, махсусан гурӯҳҳои осебпазир – чорводорон, коргарони фермаҳо ва аҳолии деҳот – ба таври назаррас коҳиш меёбад.

Таъмини бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ, хусусан маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ, сатҳи муҳофизати беҳдоштию гигиении аҳолиро баланд мебардорад ва ба беҳбудии вазъи беҳдоштии ҷомеа мусоидат мекунад.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Дар асоси маводи илмии диссертатсия 15 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот аз ҷониби ҷомеаи илмӣ пазируфта шуда, арзиши назариявӣ ва амалии онҳо тасдиқ мегардад.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА ҶТ. Самти тадқиқоти илмӣ пурра ба талаботи бандҳои 5.1, 5.5 ва 5.11-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад ва ба ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масъуниятшиносӣ рост меояд.

Диссертатсия ва автореферати баррасишуда ҳамчун як кори илмии комилан анҷомёфта арзёбӣ мегарданд, ки дар онҳо натиҷаҳои муҳими илмӣ ва амалӣ инъикос ёфтаанд. Тадқиқот тамоми фаслҳои зарурӣ, бахшҳои илмӣ ва қисматҳои методологиро дар бар гирифта, бо пайдарҳамии мантиқӣ таҳия шудааст ва ҳадафҳои муайяни илмиро ба таври мушаххас пайгирӣ менамояд.

Диссертатсия ва автореферат, ки мундариҷа ва сохтори онҳо бо ҳам мутобиқ мебошанд, ба таври дуруст ва илмӣ тартиб дода шудаанд. Матн бо тарҷумаи баробар ба забони тоҷикӣ пешниҳод гардида, хулоса (аннотатсия) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия шудааст. Тадқиқот дорои миқдори кофии маводҳои мустаҳками иллюстративӣ — диаграммаҳо, расмҳо ва ҷадвалҳо — мебошад, ки ба дақиқии таҳлил ва шаффофияти натиҷаҳо мусоидат мекунад.

Бо баҳои умумии мусбат оид ба кори илмии Рабиев Ҳабибулло Маҳмудуллоевич, зарур мешуморам хулосаи зеринро баён намоям, ки ҳамаи онҳо арзиши кори анҷомёфтаро коҳиш наёдода, ба боэътимодии натиҷаҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ ва назариявии тадқиқот таъсири манфӣ намерасонанд:

Бо вуҷуди мукаммалии рисола, баъзе нуқтаҳои ислоҳталаб мушоҳида мешаванд:

1. Дар матн на ҳамеша ҷадвалҳо бо тавзеҳи кофӣ ҳамроҳӣ шудаанд.

2. Дар баъзе ҷадвалҳо “маънои хатогии арифметикӣ - ±” нишон дода нашудааст.

3. Аломатгузории кириллӣ–лотинӣ дар бахшҳои PCR каме омехта шудааст.

Ин камбудиҳо хусусияти ҷиддӣ надоранд ва ба арзиши илмии кори диссертант таъсир намерасонанд.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Рабиев Ҳабибулло Маҳмадуллоевич «Мукаммалгардонии ташхиси тафриқии бемории сили чорвои калони шохдор бо истифода аз усулҳои муосир дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо захрзанбурӯғшиносӣ, масъуниятшиносӣ пешниҳод шудааст, корномаи пурмазмун, боэътимод, навоварона ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯй мебошад.

Муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 06.02.02 мебошад.

Муқарризи расмӣ:
ходими пешбари илмии озмоишгоҳи
бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳои
Институти тибби ветеринарии Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ветеринарӣ Ҳабибов А.Х.

8 декабри соли 2025

Суроға: 734005, ҶТ ш. Душанбе,
н. Сомонӣ, кучаи Сурхоб
Телефон: (+992) 927446828
E-mail: micobacterios@mail.ru

Имзои Ҳабибов А.Х. –ро
“Тасдиқ мекунам”
Нозир оид ба кадрҳои ИТВ АИКТ Шабнами Р.

Суроғаи муассиса: 734005, ҶТ, ш. Душанбе, ,
Телефон: (+992 37) 2215792
E-mail: iveterinari@mail.ru

8 декабри соли 2025